

Тибки накшаи чорабинихои макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатии нохияи Зафаробод, насби шиору овезахо вобаста ба чашни байналмилалии Наврӯз ба рох монда шуда, дар байни мухассилину донишчӯёни муассисахои таълимӣ, кормандони ташкилоту муассисахо чорабинихои таргиботӣ ва фахмондадихӣ баргузор гардид.

Санаи 15 марти соли равон дар худуди нохия Рӯзи ягонаи ахбор дар мавзӯи «Точикистон ватани Наврӯз аст» гузаронида шуд. Мутобики накша гурӯххои таргиботии нохия аз хисоби кормандони макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатии нохия ва чамоатхои шахраку дехот дар мавзеъхои ахолинишин ва ташкилоту корхонахои нохия сӯхбату вохӯрихо гузарониданд. Рӯзи ягонаи ахбор дар хамаи чамоатхои шахраку дехот ва ташкилоту идорахои нохия бо омодагии хаматарафа ва дар сатхи баланди сиёсӣ гӯзаронида шуд.

Санаи 21 март дар варзишгохи марказии нохия бо иштироки зиёда аз 6000 нафар сокинони нохия чорабинии чашнӣ ташкил ва гузаронида шуд. Дар чорабинии мазкур намояндаи Хукумати Чумхурии Точикистон, Сардори хадамоти зиддиинхисории назди Хукумати Чумхурии Точикистон Кодирзода Саъдӣ, намояндаи макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилояти Сугд, сардори Раёсати зиддиинхисории назди Хукумати Чумхурии Точикистон дар вилояти Сугд Акмалзода Носир Кодир ва раиси нохия иштирок намуда, табрикоти Хукумати Чумхурии Точикистон, Раиси вилояти Сугд мухтарам Рачаббой Ахмадзода ва раиси нохияро ба хозирин расониданд.



